**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 64/9с

аз «24» 06 соли 2020

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса дар бораи гузаронидани расмиёти машваратҳои оммавӣ оид ба лоиҳаи Дастурамал «Оид ба иҷозатномадиҳии ташкилотҳои қарзӣ» ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор оид ба таҳлили таъсири танзимкунӣ огоҳиномаи машварати оммавӣ оид ба лоиҳаи зикргардида ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки дар Феҳристи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири танзимкунии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 январи соли 2020 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҷойгир карда шудааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Лоиҳаи мазкур бори аввал аз таҳлили таъсири танзимкунӣ гузаронида мешавад.

Машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи мазкур аз 24 январи то 23 феврали соли 2020 гузаронида шудааст. Ҳангоми гузаронидани машварати оммавӣ аз тарафи шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст.

Дар натиҷаи баррасии масъала муайян гардид, ки дар баъзе аз талаботи қисми якуми моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби таҳиякунанда риоя нагардидааст.

Аз ҷумла, дар талаботи сархати шашуми қисми якуми моддаи 36 Қонуни болозикр омадааст, ки маҷмӯи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиронии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии

ҳуқуқӣ аз ҷониби тарафҳои манфиатдор ҷонибдорӣ гардидааст. Аммо, доир ба онҳо дар сархати мазкур маълумот мавҷуд нест.

Талабот оид ба сархати нуҳуми қисми якуми моддаи 36 Қонуни зикргардида, ки тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, ухдадорӣ ва махдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот, ки аз талаботи мазкур бармеояд, нодуруст шарҳ дода шудааст. Чун қоида, уҳдадорӣ ва махдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот бояд мухтасар баён карда шавад.

Ҳамчунин, таҳлили муқоисавӣ - ҳуқуқии лоиҳаи Дастурамал оид ба иҷозатномадиҳии ташкилотҳои қарзӣ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» нишон дод, ки аксари меъёрҳои он такрори меъёрҳои қонуни мазкур мебошанд. Ҳол он, ки санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ дар асос ва барои иҷрои қонун бояд қабул шавад.

Мувофиқи қисми дуюми моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дастурамал санади меъёрии ҳуқуқиест, ки мазмун ва масъалаҳои муфассали танзимро дар соҳаи муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ дақиқ муайян менамояд.

Бинобар ин, таҳияи дастурамали мазкур бо дарназардошти талаботи зикргардида, мувофиқи мақсад мебошад.

Тибқи талаботи Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар дар хулоса аз ҷониби таҳиякунанда риоя нашудани тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дарҷ шуда бошад, таҳиякунанда таҳлили таъсири танзимкунӣ ва лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқиро такмил дода, онро такроран ба мақоми ваколатдор ҷиҳати пешниҳод намудани хулоса ирсол менамояд.

Директор Саидзода И.Ҳ.